# ТАҚРИЗИ РОҲБАРИ ИЛМӢ

**ба диссертатсияи Рузиев Меҳрубон Миралиевич дар мавзуи «Таҳқиқи луғавӣ-семантикӣ ва сохтории лексикаи марбут ба ҳайвоноти хонагӣ» (дар мисоли маводи лаҳҷаи Варзоб (гурӯҳи «варзобӣ») барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ**

Дар замони ҷаҳонишавии соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа ба унвони воситаи асосии муносиботи аҳли башар забон зери таъсири ҳангуфти ин раванд қарор мегирад ва барои нигаҳдорӣ ва ҳифзи худ дар ин муқовиматҳо аз тамоми имконоти мавҷуда барои мустаҳкам кардани системаи овоӣ, луғавӣ ва грамматикии худ истифода мебарад. Дар ин замина яке аз воситаҳое, ки забони адабии меъёр аз он истифода мекунад, забони зиндаи халқ ба шумор меравад. Омӯзиши ин воситаи муҳим чандин садсола аст, ки диққати мутахассисонро ҷалб кардааст, вале ҳоло ҳам масъалаҳои ҳалнашуда дар ин ё он лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ зиёданд.

Яке аз лаҳҷаҳое, ки диққати олимонро барвақт ҷалб кардааст, ин лаҳҷаи Варзоб ба шумор меравад. Дар охирҳои асри XIX перомуни минтақаи Варзоб ва лаҳҷаи он донишмандоне чун Л. Н. Соболев (1873), Н. А. Маев (1879), В. И. Липский (1896) маълумот дода бошанд, дар асри XX аз тарафи муҳаққиқон Л. С. Боршевский (1910), М. С. Андреев (1927), М. С. Пешерева (1927), Н. А. Кисляков (1959), А. З. Розенфелд (1960), В. С. Расторгуева (1952, 1964), М. М. Явич (1968) ва дигарон таҳқиқоти мукаммали илмӣ перомуни масоили савтӣ, луғавӣ, грамматикӣ, фолклор, масъалаҳои этникӣ ва ҷуғрофии ин лаҳҷа гузаронида шудааст. Бо ин мо наметавонем даъво кунем, ки дар лаҳҷаи Варзоб барои таҳқиқи илмӣ коре боқӣ намондааст. Ба гузашти чандин даҳсолаҳо аз таҳқиқоти олимони мазкур системаи лексикаи лаҳҷаи мазкур, зери таъсири омилҳои гуногун ривоҷ ёфт, ки ба баррасиҳои махсус ниёз дорад. Бо дарки ин масъулият ва **мубрамии масъала** Рузиев Меҳрубон Миралиевич камари ҳиммат баста, дар мавзуи «Таҳқиқи луғавӣ-семантикӣ ва сохтории лексикаи марбут ба ҳайвоноти хонагӣ» (дар мисоли маводи лаҳҷаи Варзоб (гурӯҳи «варзобӣ») диссертатсияи номзадӣ пешниҳод кард, ки ба назари мо **аҳаммияти илмию амалӣ** дорад. Зеро маводе, ки барои баррасии илмӣ ҷамъоварӣ кардааст, дар тадвини луғатҳои

шевагӣ мусоидат карда, ҷиҳати такмили таркиби луғавии забони меъёр муҳим мебошанд. Зимни ҷамъоварии мавод муҳаққиқ на танҳо ба калимаҳои умумихалқӣ, балки ба калимаю истилоҳоти минтақавию хоса низ таваҷҷуҳ зоҳир кардааст ва аз ин ҷиҳат маводи шевагӣ мукаммал ба назар мерасад.

Диссертант аз дастовардҳои шевашиносони ватанию хориҷӣ оид ба таҳқиқи лаҳҷаи Варзоб огоҳии комил дошта, дар рисолаи худ аз онҳо дар мавридҳои зарурӣ баҳра бурдааст. Илова ба ин, масъалаҳои камомӯхтаи лаҳҷаи Варзобро бори дигар бозбинӣ намуда, андешаҳои назарии донишмандони соҳаро бо мулоҳизаҳои нави илмӣ ба риштаи таҳқиқ кашидааст, ки рисолаи ӯ дар сатҳи матлуби илмӣ анҷом пазируфтааст.

Мазмуну мухтавои диссертатсия ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқати комил дошта, саҳми муаллиф дар таҳқиқи лексикаи предметию ғайрипредметӣ, лексикаи худию иқтибосӣ, қабатҳои семантикӣ ва сохтории лексикаи марбут ба ҳайвоноти хонагии лаҳҷаи Варзоб бо диди нав пажуҳиш шудааст, ки арзиши кори илмии Рузиев Меҳрубон Миралиевичро баланд мебардорад. Автореферат ва мақолаҳои чопкардаи ӯ бозгӯкунандаи мухтавои диссертатсия мебошад.

Ба андешаи мо, мақсаду вазифаҳои дар назди диссертант вогузоршуда ҳалли худро ёфтаанд ва рисолаи ӯ дар мавзуи «Таҳқиқи луғавӣ-семантикӣ ва сохтории лексикаи марбут ба ҳайвоноти хонагӣ» (дар мисоли маводи лаҳҷаи Варзоб (гурӯҳи «варзобӣ») кори анҷомёфтаи илмӣ буда, барои баррасӣ ва дифоъ тавсия мешавад.

**Роҳбари илмӣ,**
**доктори илми филология, узви**
**вобастаи АМИТ, муовини раиси**
**Кумитаи забон ва истилоҳоти назди**
**Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон** **С. Р. Раҳматуллозода**

**Имзои С. Р. Раҳматуллозодаро тасдиқ мекунам:**
**Мудири бахши умумӣ ва**
**масъули хадамоти кадрӣ** **Ш. Абдуллоев**

БАХШИ КАДРҲО

«_14_» _феврал_ 2022